**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сатторов Нурали Саидалиевич дар мавзуи «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, - Душанбе, 2024.**

Пажуҳиши масъалаҳои гуногуни забони осори бадеӣ, аз ҷумла нақш ва мавқеи воҳидҳои луғавии арабӣ дар инкишофи он, дар забоншиносии тоҷик аз нимаи дуюми қарни гузашта оғоз шуда, як зумра олимон оид ба хусусиятҳои забонии асарҳои ҷудогона асару мақолаҳои илмӣ нашр кардаанд. Анъанаи таҳқиқи масоили забонии осори адибони давраҳои алоҳида барои мушаххас намудани вазъи забон дар марҳилаҳои инкишофи он аҳамияти махсус дорад. Маҳз бо дарназардошти ҳамин мавзуи рисолаи тақризшаванда мубрам арзёбӣ мешавад.

Рисолаи Сатторов Нурали Саидалиевич «Нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҷилдҳои 3 ва 4-и «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» унвон дошта, сохтори он аз муқаддима, ду боб (7 фасл бо зерфаслҳо), хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда тарҳрезӣ гардидааст.

Дар мукддима тибқи меъёри рисолаҳои илмӣ, мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, методҳои таҳқиқ, навгониҳо, аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар бахшҳои анъанавӣ баррасӣ шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтани ҳиссаҳои номии нутқ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** унвон дошта, аз се фаслу ва зерфаслҳои алоҳида фароҳам омадааст. Муҳтавои фасли якум «Матолиби муқаддимотӣ»-и мансуб ба нақши воҳидҳои луғавии забони арабӣ дар сохтани ҳиссаҳои номии нутқро дар бар гирифта, дар фасли дуюм - **«Таҳқиқи роҳи морфологии калимасозӣ бо асосҳои арабӣ»** арзёбӣ шудааст.

Фасли сеюми боби аввал доир ба «**Нақши калимаҳои арабӣ дар такмили роҳи синтаксисӣ-морфологии калимасозӣ**» баҳс намуда, хусусиятҳои калимасозии исмҳои мураккаби пайвасту тобеъро дар бар гирифтааст. Ҳамчунин, муаллиф дар ин фасл роҷеъ ба қолибҳои калимасозии вожаҳои мураккаб низ ибрози назар намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Нақши калимаҳои арабӣ дар сохтани феълҳо ва мақоми он дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** номгузорӣ шуда, ба чор фасл тасниф шудааст. Дар фасли аввал «Матолиби муқаддимотӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, фасли дуюм ба таҳқиқи **«Нақши калимаҳои арабӣ дар ташаккули феълҳои сохтаи номӣ»** бахшида шудааст. Зимни таҳлили мавзуъ муаллиф қайд мекунад, ки «*калимаҳои иқтибосии арабӣ на фақат дар ташаккули ҳиссаҳои номии забони тоҷикӣ, балки дар феълсозӣ ҳам заминаи муҳим ба шумор меравaнд*» (с. 14). Фасли сеюми боби дуюм «**Баррасии масоили назариявии феълҳои таркибӣ**» ном дошта, вижагиҳои феълҳои таркибӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. «**Нақши иқтибосоти арабӣ дар ташаккули феълҳои таркибии номӣ**» унвони фасли чоруми боби дуюм буда, муаллиф талош варзидааст, аз ҷилдҳои 3-4-уми «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ феълҳои таркибии номиро дарёфт ва таҳқиқ намояд.

Дар қатори муваффақиятҳо дар автореферат баъзе норасоиҳо низ ба мушоҳида расид, ки зикри онҳо ҷиҳати ислоҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияро боло хоҳад бурд:

1. Матлабҳои «**Объекти таҳқиқ**» ва «**Предмети таҳқиқ**», ки дар муқаддима зикр шудаанд, тақрибан такрори ҳамдигар мебошанд.
2. Нуктҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бояд ба сурати муаммо манзур гарданд, на дар шакли пешниҳод;
3. Аҳамияти амалии рисола ба таври мушаххас нишон дода нашудааст.

Автореферати тақризшаванда муҳтавои диссертатсияро инъикос намудааст. Камбудиву нуқсонҳои зикргардида наметавонад арзиши аслии автореферати мавриди тақризро кам намояд. Бинобар ин, дар асоси мазмуну

муҳтавои фишурда метавон ба хулосае омад, ки муқаддима ва бобҳои рисола тавонистаанд иттилои арзишмандеро дар бораи нақши воҳидҳои лексикии забони арабӣ дар калимасозии забони тоҷикӣ пешниҳод намоянд.

Диссертатсия аз рӯйи шакл, муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ, сазовор аст.

**Муқарриз:**
номзади илми филология, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Одинаев Абдуманон Иброҳимович

Суроға: 735800, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бӯстон, кӯчаи Ҷавонӣ, бинои 14, ҳуҷраи 57
Тел.: (+992) 92-732-06-02
E-mail: hammor@mail.ru

Имзои Одинаев А. И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ҳусенова Заррина Сайдуллоевна

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
телефон: (992-3422) 6-52-73,
факс: (992-3422) 6 -75-18

«23» майи соли 2024